# ҚАРОРИ

**ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**17 октябри соли 2020 ш. Душанбе**

Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон диссертатсияи Набиев Баҳодур Аҳмадовичро дар мавзӯи «Фаъолсозии ҷалби сармоягузориҳо дар комплекси энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05- Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии муассисаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (саноат) пешкаш гардидааст, мавриди муҳокима қарор дода, тақриз ва баромади роҳбари илмӣ: - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Уроқов Дустмурод Уроқович; тақризи мусбати муассисаи тақриздиҳанда: - Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон; тақризҳои мусбат ва баромадҳои муқарризони расмӣ: - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Мирсаидов Аврор Бобоевич; - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини аввали Вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Солеҳзода Ашурбой Абдувоҳид ва инчунин баромади муқарризони ғайрирасмӣ аз рӯйи самти ихтисос докторони илмҳои иқтисодӣ, профессорон: Одинаев Ҳ.А., Ғаниев Т.Б., Қаюмов Н.Қ. ва Низомова Т.Д. натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонии баргузоршуда ва хулосаи Шӯрои диссертатсиониро, ки ба диссертатсия бо назардошти мубрамияти мавзӯи таҳқиқотӣ, навгониҳои илмӣ, асоснок будани онҳо, аҳамияти натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаю пешниҳодҳои диссертатсия, инчунин аз рӯйи натиҷаҳои корҳои чопшуда таҳия карда шудааст, ба инобат гирифта,

## ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Набиев Баҳодур Аҳмадович дар мавзӯи «Фаъолсозии ҷалби сармоягузориҳо дар комплекси энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии муассисаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (саноат) пешкаш гардидааст, ба меъёрҳои “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад;

2. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои чопгардида дар сатҳи кофӣ ва зарурӣ, мазмун ва мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамоянд;

3. Ба Набиев Баҳодур Аҳмадович дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дода шавад;

4. Аз КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки қарори Шӯрои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намуда, Набиев Баҳодур Аҳмадовичро бо дипломи номзади илмҳои иқтисодӣ сарфароз гардонад.

Кӣ ҷонибдори қабул шудани қарори ҷаласаи Шӯрои диссертатсионӣ ҳаст, хоҳиш мекунам, овоз диҳед.

Овоздиҳӣ: тарафдор: 19 нафар, муқобил: нест, бетараф: нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси Шӯро: иҷозат диҳед, унвонҷуйро барои бомуваффақият ҳимоя намудани диссертатсия табрик намуда, ба аъзои Шӯрои диссертатсионӣ, мушовири илмӣ, муқарризони расмӣ ва ғайрирасмӣ барои кори пурмаҳсулашон миннатдории бепоёни худро баён намоям.

Дар ҳамин ҷо, ҷаласаи навбатии Шӯрои диссертатсионӣ пушида эълон мегардад.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Исайнов Ҳ.Р.**

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **Саидмуродова М.А.**

***17 октябри соли 2020***